*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №135 (2962) | ҶУМЪА, 2 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**31 октябри соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нахуст лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2014-2015 баррасӣ шуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар соли 2013 мувофиқи дурнамо ба андозаи 42,1 миллиард сомонӣ, болоравии ҳаҷми истеҳсолот бо ифодаи реалӣ ба андозаи 7,4 фоиз ва дараҷаи таваррум нуҳ фоиз пешбинӣ шудааст. Ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ бошад, барои соли 2013 ба андозаи 12,1 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2012 наздики 2 миллиард сомонӣ зиёд аст.

Қисми даромади Буҷети давлатӣ барои солҳои 2014 ва 2015 мутаносибан наздики 14 миллиард ва 15,2 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Зикр гардид, ки Буҷети давлатӣ барои соли 2013 чун солҳои пешин бештар хислати иҷтимоӣ дошта, беш аз нисфи маблағҳои он - қариб 6,4 миллиард сомонӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра равона мегардад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳибкории хусусӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, бори дигар таъкид дошт, ки роҳҳои афзун намудани дастгирии давлатии ин кор дарёфт карда шавад.

Бо дарназардошти буҳрони иқтисодию молиявӣ ва озуқаворӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба мушоҳида мерасад, таъкид гардид, ки барои коҳиш додани таъсири манфии омилҳои беруна тамоми имкону захираҳои дохилӣ пурсамар мавриди истифода қарор бигиранд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2014-2015, бо назардошти таклифу эродҳои дастгириёфта, маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Сипас, ҳисоботи вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти соҳа барои беҳсозии хизматрасонии тиббиву санитарӣ ба аҳолӣ, рушди кӯмаки аввалияи тиббӣ, таъмини муассисаҳои тиббӣ бо дорувории хушсифат ва таҷҳизоти муосири тиббӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисон шунида шуд.

Аз ҷумла бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки маблағгузории давлатии соҳаи тандурустӣ дар зарфи даҳ соли охир 25 баробар афзуд, ки ба ин васила муассисаҳои гуногуни ин соҳа бо техникаю таҷҳизоти муосири ташхису муолиҷа таъмин мегарданд ва сифати хизматрасонии тиббӣ рӯ ба беҳшавӣ овардааст. Аз раванди афзоиши беморхонаҳои хусусӣ, воридсозии техникаю таҷҳизоти навтарини соҳа ва болоравии сифати корҳои ташхису табобат дар онҳо низ изҳори хушӣ карда шуд. Тибқи иттилои вазири тандурустӣ, шумораи шаҳрвандони ба хориҷи кишвар барои ташхис ва табобат муроҷиаткунанда нисбат ба солҳои пешин хеле кам шудааст.

Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин раиси ноҳияи Рашт оид ба рафти иҷрои дастуру супоришҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни сафарҳои корӣ ба ин ноҳия аз соли 2008 то соли 2012 додааст, ҳисобот дод.

Аз ҷумла зикр гардид, ки бунёди филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, сохтмон ва ё навсозии мактабҳои зиёди таҳсилоти миёнаи умумӣ ва беморхонаю бунгоҳҳои тиббӣ, роҳҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, тармиму нав-созии варзишгоҳи марказии ноҳияи Рашт ва бартарафсозии оқибатҳои заминларзаи моҳи майи соли 2012 аз натиҷаҳои намоёни иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарҳои корӣ ба ин ноҳия мебошад. Таъкид гардид, ки дар давоми панҷ соли охир дар ноҳияи Рашт бо сарфи беш аз 105 миллион сомонӣ 73 иншооти нав сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифт. Тайи ду соли охир майдони кишти картошка 107 гектар зиёд шуда, дар 200 гектар боғҳои нав бунёд ёфт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам вусъат додани корҳои ободонию созандагӣ ва ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар ноҳияи Рашт ба масъулин дастуру супоришҳои иловагӣ дод.

Барномаи рушди санъати сиркӣ барои солҳои 2013-2017 ва Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2013, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015 ва Тартиби таъсис ва тасдиқи шӯроҳои диссертатсионии ҳимояи рисолаҳо барои дарёфт ва додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тасдиқ карда шуд.

Рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ва татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон баррасӣ шуд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти шаҳри Қӯрғонтеппа доир ба вусъат додани корҳои ободонӣ ва бунёдкорию созандагӣ, аз ҷумла ба охир расондани навсозии роҳҳои шаҳр супоришҳои мушаххас дод.

Лоиҳаҳои як зумра қонунҳо доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба чанд қонуни амалкунандаи кишвар, аз ҷумла ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» ва филиали Муассисаи давлатии Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъсис дода шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи аҳли толорро ба масоили омодагӣ ба зимистон, аз ҷумла ҷамъоварии пурраи ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор, сарфаю сариштакорона истифода бурдани неруи барқ, оғози кишти тирамоҳӣ, зиёд намудани гармхонаҳо барои парвариши сабзавот дар фасли зимистон ҷалб намуда, ба масъулин супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла таъкид гардид, ки моҳи январ барои мактаббачагон пурра таътили зимистона эълон карда шавад.

***www.prezident.tj***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Мулоқоти Маҳмадсаид Убайдуллоев бо Ҳанс Алтерр

**2 ноябри соли 2012 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев Президенти Шӯрои Кантонҳои Парлумони Конфедератсияи Швейтсария ҷаноби Ҳанс Алтерро бо ҳайати ҳамроҳонаш ва Сафири Фавқулодда ва Мухтори Конфедератсияи Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стефан Нелен ба ҳузур пазируфт.**

Ҷаноби Ҳанс Алтерр аз пазиройӣ ва шиносойӣ бо фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, дар навбати худ афзуд, ки баҳри расидан ба ин ҳадафҳои созанда, ки аз мароми ҳамдигарӣ маншаъ мегиранд, густариши робитаҳои байнипарламентӣ, салоҳият ва имкониятҳои мавҷударо равона хоҳад намуд.

Зимни мулоқоти самимӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев ташрифи ҳайати бонуфузи парламентиро, ки бори нахуст ба Тоҷикистон сурат гирифтааст, сидқан шодбош гуфта, зикр сохт, ки сафари кории мазкур дар густаришу таҳкимёбии робитаҳои байнипарламентии кишварҳо нақши муассир хоҳад гузошт. Итминон аст, ки тавассути ҳамкориҳои минбаъдаи байнипарламентӣ сатҳ ва сифати робитаҳои гуногунҷабҳаи давлатӣ мутобиқ ба сиёсати дӯстонаи Сарони кишварҳо вусъати тоза касб карда, парламентарҳои мамлакатҳо бо фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ дар ин раванд саҳми босазо мегузоранд.

Дар ин росто, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷаноби Ҳанс Алтерр даъват ба миён овард, ки потенсиали Шӯрои Кантонҳои Парлумони Конфедератсияи Швейтсария зимни ин боздиду бардоштҳои воқейӣ аз Тоҷикистон баҳри тавсеаи барномаҳои давлатӣ оид ба сафарбарсозии сармояҳои Конфедератсияи Швейтсария дар бахши иқтисоду туризм, ҳифзи сарҳадоту мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар соҳаҳои иҷтимоии Тоҷикистон нек сафарбар карда мешаванд.

Мулоқот дар фазои созанда ва ҳусни тафоҳум анҷом пазируфт.

***Ш. САИДОВ,***
***ёвари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои ғайридавлатӣ***

## Ҳамкориҳои Тоҷикистону Британияи Кабир густариш хоҳанд ёфт

**31 октябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров Сафири Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Робин Ҷереми Орд-Смитро ба ҳузур пазируфт.**



Суратгир А. ИСОЕВ

Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров Робин Ҷереми Орд-Смитро бо оғози фаъолияти сафириаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, ба ӯ ҷиҳати рушди равобити ҳамаҷонибаи миёни кишварҳои Тоҷикистон ва Британияи Кабир хоҳони барору комёбӣ гардид.

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суҳбат бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи кунунии ҳамкориҳои миёни ду кишвар, аз ҷумла изҳор дошт, ки тақрибан 20 сол пеш аз ин миёни кишварҳои мо муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардида буд. Имрӯз равобити миёни Тоҷикистону Британияи Кабир дар бахшҳои гуногун дар ҳоли рушду нумӯъ мебошад. Хусусан ҳамкориҳои мо дар бахши мубориза ба муқобили терроризм бо раванди муассир амалӣ мегардад. Дар ин муддат сафарҳои мақомоти гуногунпояи давлатии миёни кишварҳоямон борҳо ба амал омада, як силсила санадҳои ҳамкориҳо ба имзо расидаанд. Мо Британияи Кабирро ҳамчун давлати бузургу мутараққӣ мешиносем. Мардуми мо бо таъриху фарҳанги ин кишвар ошнойии комил доранд. Ҳадафи яке аз барномаҳои байналмилалии Британияи Кабир, ки аз соли 2003 дар Тоҷикистон амал менамояд, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвари мо мебошад. Муносибатҳои Тоҷикистону Британияи Кабир хусусан дар бахшҳои иқтисодӣ ва тиҷорат қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Панҷ созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун дар Британияи Кабир дар ҳоли баррасӣ қарор доранд, ки дар сурати мавриди амал қарор гирифтанашон сатҳи робитаҳо хеле беҳтар хоҳад гардид. Хусусан Созишнома «Дар бораи канорагирӣ кардан аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо» ва Созишнома «Оид ба муҳофизати сармоягузорӣ аз ҷониби тарафҳо» хеле муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Итминон дорам, ки бо оғози фаъолияти Шумо ҳамчун сафир муносибатҳои мавҷуда дар сатҳи боз ҳам баландтар густариш хоҳанд ёфт.

Роҷеъ ба масъалаҳои иқтисодӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфт, ки ҳанӯз ҳам ин робитаҳо дар пояи зарурӣ амалӣ нагаштаанд. Британияи Кабир метавонад дар бахши иқтисодӣ дар Тоҷикистон фаъолияти боз ҳам густурдаеро амалӣ намояд. Дар кишвар тақрибан 15 корхонаи муштараки Тоҷикистону Британияи Кабир фаъолият менамояд, ки ин шумораи онҳо метавонад боз ҳам бештар бошад.

Шукурҷон Зуҳуров изҳор дошт, ки сафир масъалаи ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика, аз ҷумла бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд, бунёди корхонаҳои муштараки коркарди мева, ҷалби тарафи Британияи Кабир ба тавсеаи соҳаи туризм дар Тоҷикистон ва дигар масъалаҳоро ба сармоядорону соҳибкорони кишвараш пешниҳод намояд. Барои сармоягузории хориҷӣ дар кишвари мо тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё мебошанд. Ба наздикӣ Кодекси нави андоз қабул гардид, ки дар ин самт яке аз санадҳои муҳим ба шумор меравад.

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар бораи зарурати бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва нақши он дар рушду нумӯи иқтисодиёти кишварҳои минтақа, аз ҷумла Афғонистон изҳор намуд, ки бунёди ин иншооти бузург ҷиҳати сулҳу субот ва оромии ин ҳамсоякишвари мо ва ба ҳаёти осоишта баргаштани мардуми он нақши муҳим хоҳад бозид. Мо бо ин кишвар тақрибан якуним ҳазор километр сарҳад дорем ва мушкилоти гирифтани пеши роҳи қочоқи маводи мухаддир, муқовимат бо гурӯҳҳои террористӣ дар шумори масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки Тоҷикистон бо онҳо рӯ ба рӯ омадааст. Бояд зикр кард, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир на танҳо тавассути марзҳои Тоҷикистон, балки аз марзи дигар кишварҳо низ сурат мегирад. Амалӣ намудани кӯмакҳои кишварҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои коалитсионӣ ба Афғонистон ба воситаи марзҳои Тоҷикистон осон ва муассир хоҳад буд. Мо хоҳони ҳар чӣ зудтар барқарор шудани сулҳу субот дар ин кишвари ҳамҷавор мебошем. Иқтисодиёти паст, бекории аксарияти аҳолии Афғонистон сабаби асосии қочоқи маводи мухаддир дар ин кишвар мебошанд. Яке аз омилҳои муҳими пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва амалҳои террористӣ - ин бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии Афғонистон мебошад. Аз ҷониби сарони кишварҳои Тоҷикистону Афғонистон нақшаҳои бунёди роҳҳои оҳан ва мошингард, ҳатти интиқоли барқ дар ҳоли баррасӣ ва амалӣ гардидан қарор доранд.

Раиси Маҷлиси намояндагон ҳамчунин меҳмонро бо сохтор ва фаъолияти даъвати чоруми Маҷлиси намояндагон шинос намуда, зимнан изҳор дошт, ки ҳамкориҳоямон бо Парламенти Британияи Кабир дар сатҳи хубу корӣ қарор дошта, дар парламентҳои ҳар ду кишвар гурӯҳҳои дӯстӣ фаъолият доранд. Борҳо сафарҳои ҳайатҳои парламентӣ ба кишварҳои ҳамдигар сурат гирифтааст. Аз ҷумла сафари гурӯҳи парламентии Британияи Кабир бо роҳбарии лорд Вейверлӣ ва мулоқоташон бо Раиси Маҷлиси намояндагон ва дигар роҳбарони вазорату мақомоти давлатӣ моҳи июли соли 2011 сурат гирифта буд.

-Ман ҳамеша тайёрам, ки бо Шумо ҷиҳати баррасии масъалаҳои марбут ба муносибатҳои миёни кишварҳоямон мулоқот намоям, - изҳор дошт дар охир Шукурҷон Зуҳуров.

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Робин Ҷереми Орд-Смит аз пазиройии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори сипос намуда, иброз дошт, ки тамоми масъалаҳое, ки ин ҷо матраҳ гардиданд, саривақтӣ ва қобили қабул мебошанд. Вай саъю талоши худро ҷиҳати ҳар чӣ бештар густариш додани равобити бахшҳои гуногуни миёни кишварҳоямон ба харҷ хоҳад дод.

**Дар ин бора аз Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.**

## Таъиноти кадрӣ

**Нимаи дуюми рӯзи 30 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе як гурӯҳ кадрҳои ба вазифаҳои пурмасъулияти роҳбарӣ пешниҳодшударо барои суҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Ҳамин тариқ, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдукарим Ҳикматов аз вазифаи раиси ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд озод шуд ва ба ҷойи ӯ Мирзоаҳмад Аҳмадзода иҷрокунандаи вазифаи раиси ин ноҳия таъин гардид.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Нозирӣ аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Воробев Владимир Василевич аз вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи «Народная газета», Ҳайдар Ҷӯраев аз вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи «Халқ овози», Абдурашид Хуҷамқулов аз вазифаи муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» ва Шаҳло Насриддинова аз вазифаи муовини директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина», Исроил Носиров аз вазифаи директори Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Зафар Саидов аз вазифаи муовини роҳбари Минтақаи озоди иқтисодии Суғд озод шуданд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саид Сиддиқов муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сироҷиддин Иззатуллоев сармуҳаррири рӯзномаи «Народная газета», Ёқубҷон Абдуманонов сармуҳаррири рӯзномаи «Халқ овози» ва Абдукарим Ҳикматов директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Востокредмет» таъин карда шуданд.

Бо амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Камол Абдураҳимов аз вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият», Ҳуриннисо Ализода аз вазифаи сармуҳаррири маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» ва Саид Сиддиқов аз вазифаи мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод шуданд.

Ҳамчунин бо амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳло Насриддинова сармуҳаррири маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», Исроил Носиров директори Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуриннисо Ализода ва Нодир Мирзоев муовинони директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдурашид Хуҷамқулов директори Радиои Тоҷикистон ва Самариддин Гадоев директори Шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон таъин карда шуданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нафарони ба вазифаҳои нави пурмасъулият таъиншударо табрику таҳният гуфта, онҳоро ба хизмати софдилонаю содиқона ба нафъи давлату миллат ва риояи бечунучарои талаботи қонунгузории кишвар ҳидоят намуд.

***www.prezident.tj***

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд озод намудани Ҳикматов А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳикматов Абдукарим бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 30 октябри соли 2012 №1362**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд таъин намудани Аҳмадзода Мирзоаҳмад**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Аҳмадзода Мирзоаҳмад иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 30 октябри соли 2012 №1363**

# Масъулияти созандагии ояндаи Ватану миллат бар дӯши ҷавонон аст

## Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби нав дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ

*30 октябри соли 2012*

**Омӯзгорон ва хонандагони азиз!**

**Падару модарони гиромӣ!**

Ба шарофати соҳибистиқлолии Ватани азизамон Ҳукумати кишвар имконият пайдо намуд, ки маблағгузориро барои соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла сохтмони мактабҳои нав, таҷдиду таъмири биноҳои мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, инчунин бунёди синфхонаҳои иловагӣ дар сартосари мамлакат мунтазам афзоиш диҳад.

Дар ин давра садҳо мактаби таҳсилоти миёна ва ибтидоӣ бунёд гардиданд, ки айни ҳол бо тамоми таҷҳизоти зарурии муосир муҷаҳҳаз гардида, мавриди истифодаи толибилмон қарор доранд.

Дар ин раванд, имрӯз мо дар диёри хушманзар ва хушбоду ҳавои деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ, ки дар қалби кӯҳҳои сарбафалаки водии Зарафшон ҷойгир аст, боз як мактаби наву замонавиро мавриди баҳрабардории фарзандонамон қарор медиҳем.

Ба муносибати ин рӯйдоди муҳим ҳамаи шумо - аҳли маорифи ноҳияи Айнӣ, волидайни гиромӣ ва толибилмони азизро бо ифтитоҳи ин мактаби деринтизор, ки ҳамчун туҳфаи арзанда дар арафаи таҷлили бистсолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, табрик гуфта, ба сохтмончиёну меъмороне, ки дар бунёди ин даргоҳи илму маърифат саҳм гузоштаанд, изҳори сипос менамоям.

Мактаби мазкур, ки нақшаи сохтмони он ҳанӯз солҳои ҳафтодуми асри гузашта таҳия гардида буд, имрӯз аз ҳисоби буҷети кишвар бо маблағи қариб 4 миллион сомонӣ барои 640 ҷойи нишаст дар ду баст бунёд гардида, дорои 25 синфхонаи таълимӣ, толори варзишӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва озмоишгоҳҳои фаннӣ мебошад.

Дар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Айнӣ 12 мактаби нави замонавӣ бо тамоми шароити зарурӣ сохта, ба истифода дода шуд. Ҳоло дар деҳаи Анзоб сохтмони мактаб-интернат барои фарзандони оилаҳои камбизоати ин деҳоти кӯҳистон идома дорад.

Танҳо соли гузашта бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ дар деҳаҳои Каздон ва Шамтучи ноҳия мактабҳои нав ба истифода супорида шуданд, ки дар самти муҳайё кардани шароити мусоиди таълимӣ барои хонандагон нақши муассир доранд.

Айни замон дар 66 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия қариб 17 ҳазор нафар хонанда машғули таҳсил буда, тибқи квотаи президентӣ 79 нафар донишҷӯ дар муассисаҳои олии мамлакат ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Инчунин дар ноҳия барномаи компютерикунонӣ пурра иҷро гардида, 53 синфхона бо 430 компютеру 90 принтер таҷҳизонида шудааст.

Умуман, дар вилояти Суғд ҳоло зиёда аз 900 муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ фаъолият намуда, бо мақсади амалӣ намудани «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» корҳои назаррас анҷом дода шудаанд, вале, бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам дар ин самт баъзе масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд.

Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят беш аз 460 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, аммо то имрӯз мактабҳо дар маҷмӯъ бо 916 синфхонаи компютерӣ, 12 ҳазор компютер ва зиёда аз якуним ҳазор принтер таъминанд, ки беш аз 90 фоизи иҷрои барномаро ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки 390 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва шуъбаҳои маорифи вилоят ба шабакаи Интернет пайваст буда, 18 маркази технологияи информатсионӣ ва хизматрасонии компютерӣ фаъолият мекунанд, ки дар маҷмӯъ барои вилояти Суғд кифоя нестанд.

Аз ин рӯ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бо компютеру принтерҳо пурра таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят, инчунин вусъат додани пайвастшавии мактабу шуъбаҳои маориф бо шабакаи ҷаҳонии Интернет тадбирҳои сариваҡтӣ андешанд.

Тавре ки шумо огаҳӣ доред, дар аввали моҳи октябр сокинони кишварамон санаи муҳими давлатӣ - Рӯзи забони давлатиро ботантана ҷашн гирифтанд.

Ман дар яке аз суханрониҳоям зикр карда будам, ки бузургдошти забони давлатӣ ин арҷ гузоштан ба таърих у фарҳанги миллат аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар як фарди соҳибзабон забони тоҷикиро, ки нишони ҳастии миллат аст, аз худ кунад ва ба воситаи он ҳуввият ва фарҳанги миллии худро ҳифзу гиромӣ дорад.

Дар баробари омӯзиши забони давлатӣ, инчунин ҳар як толибилми тоҷик вазифадор аст, ки забонҳои хориҷиро ба таври ҷиддӣ аз худ намуда, барои соҳиб шудан ба касби дӯстдоштааш саъю талош намояд, зеро барои рушди ҳамаҷонибаи Ватани маҳбубамон, пеш аз ҳама шахсиятҳои соҳибмаълумот ва дорои ахлоқи ҳамидаву тарбиятдида, худогоҳу ватандӯст зарур мебошанд.

Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки рисолати мактабҳо танҳо аз донишомӯзӣ иборат набуда, устодону омӯзгорон вазифадоранд, ки насли имрӯзаи ояндасозро ҳамаҷониба тарбия намоянд ва ба роҳи дуруст ҳидоят кунанд.

Ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти волидайн дар тарбияи фарзандон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид, ки он падару модаронро водор месозад дар таълиму тарбияи насли наврас масъулияти бештар дошта бошанд ва фарзандонро ба роҳи дурусти зиндагонӣ, ватанпарастиву ватандӯстӣ, дар рӯҳияи гиромидошти сарзамини аҷдодӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ раҳнамоӣ созанд.

Хотирнишон кардан бамаврид аст, ки ноҳияи Айнӣ чун диёри фарҳангофари кишвари азизамон дар оғӯши худ шахсиятҳои муътабареро тарбия карда, ба камол расонидааст, ки дар пешрафти фарҳангу адабиёт саҳми муносиб дошта, бо фаъолияти шоёну содиқонаи худ дар назди Ватану миллат эҳтироми бузург доранд.

Бо истифода аз фурсат ва бо ифтихору сарфарозӣ мехоҳам номи яке аз ин фарзандони фарзонаи ноҳия Нақибхон Туғралро, ки дар охирҳои асри нуздаҳ ва аввали асри бист кору фаъолият намудааст, махсус қайд намоям.

Ин шахсияти намоёни адабиёт аз ҷумлаи ғазалсароёни забардаст буда, тамоми қудрату донишашро баҳри рушду нумӯи илму адабиёти тоҷик равона сохтааст.

Нақибхон Туғрал дар умри кӯтоҳи худ бо ашъори нотакрор ва саршор аз меҳру муҳаббат ба Ватан тавонист дар таърихи адабиёти тоҷик саҳифаҳои дурахшонеро сабт намояд.

Эҷодиёту ғазалҳои оламшумули Туғрал барои тамоми насли имрӯза бояд намунаи ибрат бошад. Мо, падару модарон, омӯзгорону устодон фарзандону шогирдони худ ва дар маҷмӯъ тамоми насли имрӯзи Тоҷикистони соҳибистиқлолро бояд маҳз дар рӯҳияи илму донишомӯзӣ ва муҳаббат ба Ватани аҷдодӣ тарбия намоем.

Ҳамчунин бояд таъкид намоям, ки дар ноҳияи Айнӣ захираҳои табиии соҳаи гидроэнергетика, истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ, аз ҷумла ангишт, сурма, сангҳову металлҳои қиматбаҳо фаровон мебошанд.

Барои дар соҳаҳои гуногуни кишварамон пурра истифода намудани ганҷҳои табиӣ, пеш аз ҳама мутахассисони корозмудаву баландихтисос зарур мебошанд.

Ҳамзамон ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон дар дурнамои наздик барои ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳон ба ин гӯшаи зебоманзари диёрамон, инчунин ҷиҳати бунёди инфрасохтори бахши туризми минтақа ва омода кардани мутахассисони соҳаи хизматрасонӣ иқдомоти мушаххасро амалӣ менамояд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон ноҳияи Айнӣ дар натиҷаи заҳмати пайвастаи мардум аз ҳолати субвенсияи давлатӣ баромада, айни замон соҳаи иҷтимоии худро аз ҳисоби даромади буҷети маҳаллӣ таъмин менамояд.

Қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2012 нисбат ба соли 2000-ум 26 баробар афзуда, аз 700 ҳазор то 19 миллион сомонӣ расидааст, ки барои як ноҳияи баландкӯҳ ин дастоварди назаррас маҳсуб мегардад.

**Дӯстони азиз!**

Чуноне ки маълум аст, рушду нумӯи маориф асоси пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маҳсуб ёфта, бе болоравии ин соҳаи муҳим тарбияву таълими мутахассисони соҳибҳунару бомаърифат ва ҷавобгӯйи талаботи замон аз имкон берун аст.

Аз ин рӯ, мо ҳаллу фасли масъалаҳои илму маорифро ҳадафмандона самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ муайян намуда, ҷиҳати такмили минбаъда ва дар амал ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълиму тарбияи наврасон, тақвияти заминаҳои моддиву техникии соҳаҳои маориф кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодаем.

Дар навбати худ ҷавонон бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки бар дӯши онҳо рисолати бузург ва муқаддас, яъне масъулияти созандагии ояндаи Ватану миллат гузошта мешавад.

Тарбияи насли худшиносу миллатдӯст ва ватанпарвар вазифаи аввалиндараҷаи устодону омӯзгорон ва дар маҷмӯъ тамоми кормандони соҳаи маориф мебошад.

Аз ин рӯ, ҳар як корманди ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ бояд амиқан дарк намояд, ки танҳо шахси соҳибмаърифат арзишу маънавиёти халқи худро ҳифз намуда, ҷиҳати ободонии Ватан ва тавсеаи нуфузу эътибори он талош меварзад.

Дар баробари ин, ҳар як сокини худшинос ва бонангу номуси мамлакат вазифадор аст, ки дар ҷараёни корҳои созандагиву бунёдкории сарзаминамон софдилонаву содиқона меҳнат кунад ва дар роҳи соҳибмаърифативу худшиносии миллӣ ба камол расонидани насли наврас, хусусан ҷавонон саҳми муносиб гузорад.

Боварӣ дорам, ки ин боргоҳи навбунёди илму маърифат ба мисли дигар мактабҳои водии Зарафшон ба макони вокеии азхудкунии донишу тарбияи баланд мубаддал мегардад ва баъди хатми ин махзани маънавиёт аксарияти фарзандон таҳсилро дар муассисаҳои олии кишвари муқаддасамон идома дода, барои пешрафту ободии Ватани маҳбуби худ хизматҳои шоиста анҷом медиҳанд.

Дар фарҷом бори дигар ҳамаи шумо - омӯзгорону хонандагони азиз, падару модарони иззатманд ва тамоми сокинони вилояти Суғдро ба муносибати ифтитоҳи мактаби нав табрик гуфта, ба мардуми сарфарозу фарҳангдӯсти ноҳияи Айнӣ саломатӣ, хонаи обод, рӯзгори пурсаодат ва ба ҷавонони толибилм хониши аъловy ахлоқи намунавӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду комёб бошед, фарзандони азиз!**

### Боргоҳи нави илму маърифат барои хонандагон





**30 октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ ташриф оварда, мактаби замонавии онро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар ин деҳаи дурдасти кӯҳистони Зарафшон бо шукргузорӣ аз сиёсати ваҳдатоварӣ ва бунёдкорию созандагӣ гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Барои иштирок дар ин маросими тантанавӣ ва мулоқот бо Президенти кишвар дар ин ҷо роҳбарону фаъолони ноҳия, намояндагони сершумори кормандони соҳаи маориф ва мардуми ин деҳа ҷамъ омада буданд.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълиму тарбияи насли наврас, аз ҷумла зикр гардид, ки ин бино бо маблағи қариб 4 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети кишвар барои 640 нафар хонанда дар ду баст бунёд гардида, дорои 25 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла ду синфхонаи компютерии пайваст ба шабакаи ҷаҳонии Интернет ва озмоишгоҳҳои фаннии физика, кимиё, биология ва технологияи ҳунаромӯзӣ мебошад.

Зимнан иттилоъ дода шуд, ки барномаи компютерикунонии мактабҳо дар ноҳияи Айнӣ пурра иҷро гардида, 53 синфхона бо 430 компютеру 90 принтер муҷаҳҳаз шудааст.

Мактаби нави деҳаи Сангистон ҳамчунин дорои толори калону барҳавои варзишӣ мебошад, ки боиси шодию нишоти на танҳо мактаббачагон, балки ҳамаи дӯстдорони варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар ин деҳа гардидааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур дод, ки дар назди мактаб ҳамчунин ошхонаи зебою муҷаҳҳаз ва толори хуби маҷлисӣ бунёд намоянд.

Умуман, ифтитоҳи чунин бинои зебою замонавии мактаб, ки аз ду ошёна ва шароити хуби таълиму тарбияи насли наврас иборат аст, боиси хушнудӣ ва сипосгузории кулли мардуми деҳа гардид, зеро мактаби пешинаи ин ҷо ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта сохта шуда, солҳои охир хеле фарсуда шуда буд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ аҳли маорифи ноҳияи Айнӣ, мардуми деҳаи Сангистон ва мактаббачагони онро бо ифтитоҳи ин боргоҳи илму маърифат табрику таҳният гуфта, онро туҳфаи арзанда дар арафаи таҷлили солгарди 20-уми Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номид ва ба меъморону бинокорони мактаб арзи сипос кард.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки насли навраси деҳаи Сангистон аз шароити хуби мактаби нав истифода карда, барои аз худ намудани илму техникаи муосир ва касбу ҳунари зарурӣ ҷаҳду талош меварзанд ва оянда дар таъмини пешрафту шукуфоии мулки бобоӣ ва умуман Тоҷикистони азиз саҳмгузор мешаванд.

Зимни маҳфили озоду ошкорои пурсишу посух, ки дар охири ҷамъомад сурат гирифт, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини ҷумҳуриявӣ ва вилоятию маҳаллӣ доир ба вусъати бештари корҳои ободонию созандагӣ, рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ дастуру ҳидоятҳо дод.

*www.prezident.tj*

# Дастгирии табақаҳои ниёзманди ҷомеа самти муҳими сиёсати иҷтимоии Ҳукумат мебошад

## Суханронӣ дар вохӯрӣ бо омӯзгорону хонандагони Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ

*1 ноябри соли 2012*





**Омӯзгорону хонандагон ва падару модарони азиз!**

Муассисаи таълимие, ки ҳоло мо дар саҳни он қарор дорем, соли 1944-ум, яъне дар давраҳои вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ бунёд гардида, 68 сол инҷониб самаранок фаъолият дошта, дар таълиму тарбияи фарзандони имконияташон маҳдуди кишварамон саҳми арзанда дорад. Бояд ёдовар шуд, ки дар он солҳои бениҳоят душвор падару бобоёни мо, бо вуҷуди ниҳоят кам дастрас будани адабиёти таълимиву асбобу ашёи хониш ва шароити таълимӣ, аз ҳама имкониятҳои мавҷуда истифода карда, ҷиҳати раҳоӣ бахшидани мардуми кишвар, алалхусус ҷавонони имконияти маҳдуддошта аз гирдоби бесаводӣ, дар бунёду фаъолияти ин мактаб - интернат донишу маҳорат ва истеъдоди хешро дареғ надошта буданд.

Ин кори хайру савобро давлату Ҳукумати кишвар дар давраи соҳибистиқлолии Ватанамон идома дода, сол аз сол дар самти беҳтар намудани раванди таълим ва фароҳам овардани шароити мусоиди моддиву маишии мактаб-интернатҳо чораву тадбирҳои зарурӣ меандешад. Айни замон шароити зист ва таҳсили кӯдакони ятиму бепарастор ва имконияташон маҳдуд дар мактаб-интернатҳои мамлакат рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

Ҳоло дар мамлакат 84 мактаб - интернат ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон машғул буда, бо дастгирии Ҳукумати кишвар сатҳу сифати дониш дар ин муассисаҳои таълимӣ тадриҷан беҳтар гардида, солҳои охир иштироки хонандагони мактаб - интернатҳо дар озмуну олимпиада ва дигар чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ назаррас мегардад.

Ҳамзамон бо ин, то имрӯз таъмиру азнавсозии мактаб-интернатҳои ноҳияҳои Рӯдакӣ, Рашт, Нуробод ва Ҷалолиддини Румӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷет бо сифати хуб ба анҷом расида, ҷиҳати васеъ намудани ҷойи зист ва қабулу фарогирии ҳама кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таълиму тарбия тадбирҳои иловагӣ андешида шуда, таъмири Мактаб-интернати низомаш махсуси ноҳияи Ҳисор бо маблағи қариб як миллиону 200 ҳазор сомонӣ идома дорад.

Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ дар масоҳати қариб ду ҳазор метри мураббаъ ҷойгир буда, дорои 27 синфхона, аз ҷумла ду синфхонаи компютерӣ мебошад, ки бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ таъмин аст ва дар он 250 нафар хонандаи синну соли гуногун ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки 68 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар муассисаи мазкур 56 нафар омӯзгору мураббиёни баландихтисосу таҷрибанок ва 34 нафар коргари техникӣ назорати доимии кӯдаконро таъмин намуда, бо онҳо машғулиятҳои гуногуни таълимиву тарбиявӣ мегузаронанд.

Ҳамзамон дар муассиса маркази касбомӯзӣ амал мекунад ва хонандагон аз рӯйи панҷ касб - дӯзандагӣ, устои сартарош, пойафзолдӯзӣ, гаҷкорӣ ва рассомӣ таълим гирифта, баъди хатми таълимгоҳ соҳиби ҳуҷҷати тахассусӣ мегарданд.

Бояд хотирнишон сохт, ки танҳо дар давоми бист соли охир қариб 300 нафар хонанда мактаб – интернати мазкурро бомуваффақият хатм намудааст. Аз ҷумлаи онҳо 81 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд, ки имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, тибқи касбҳои омӯхтаашон, ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мебошанд.

Махсусан мехоҳам таъкид намоям, ки муассисаи мазкур ҳатто дар замони ноором иҳои солҳои навадуми асри гузашта бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва омӯзгорону дигар кормандони соҳаи иҷтимоии кишвар ягон рӯз фаъолияти худро қатъ накардааст.

Пас аз соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон барои мактаб - интернатҳои мамлакат нақшаҳои нави таълимӣ таҳия гардида, ҷиҳати аз худ намудани касбу ҳунарҳо тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Алалхусус касбҳои сартарош, дӯзанда, қаннод, дуредгар, кафшергар омӯзонида шуда, хатмкунандагон дорои сертификат ва шаҳодатнома мегарданд.

Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ дар зарфи 35 сол умуман таъмир нагардидааст ва солҳои охир дар вазъияти садамавӣ қарор дошт.

Соли 2012 бо ибтикор ва саҳмгузории бевоситаи ашхоси саховатпешаи Ширкати хусусии «Ситора трейдинг» дар зарфи нуҳ моҳи соли ҷорӣ бинои хобгоҳи дуошёна, ошхона, маҷлисгоҳу толори варзишӣ ва синфхонаҳои он бо сатҳу сифати баланд аз таъмир бароварда шуда, бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин гардид.

Дар баробари ин, тамоми таҷҳизоти ошхонаву толори варзишӣ ҷавобгӯй ба талаботи муосир ҷиҳозонида, роҳравҳои ҳавлии мактаб мумфарш ва барои истироҳату сайругашти хонандагон мусоид гардонида шудаанд.

Ҳамзамон бо ин, бо дастгирии ҷамъияти мазкур катҳои хоби кӯдакон пурра иваз карда шуда, 16 компютер, ду адад тахтаи электронӣ, ду таҷҳизоти наворбардорӣ ва тамоми синфхонаву толори маҷлисгоҳ бо мизу курсӣ, ҷевонҳо ва лавозимоти зарурӣ таъмин карда шудааст.

Ҳаммому хонаҳои истироҳатӣ ва дигар утоқҳои ёрирасон низ дар доираи талаботи стандартҳои сохтмонӣ таъмир гардида, бо телевизору дастгоҳҳои наворбардорӣ ва ҷевону роҳаткурсиҳои замонавӣ муҷаҳҳаз карда шудаанд.

Хонандагони муассиса чаҳор маротиба бо хӯроки гарм таъминанд. Илова бар ин, аз ҷониби сарпарастону шахсони саховатпеша низ мунтазам кӯмакҳои ғизоӣ расонида мешавад.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб ба чунин шахсони ватандӯсту саховатпеша, ки ба хонандагони муҳтоҷу маҳдудияти ҷисмонидошта кӯмаки бевоситаи моддиву молиявӣ мерасонанд, изҳори сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Дар баробари ин, айни замон дар синфхонаҳои мактаб-интернат норасоии китобҳои махсуси дарсӣ бо забони давлатӣ ва маҷмӯи маводи аёнӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ супориш дода мешавад, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ҷиҳати бартарафсозии норасоиву камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои мушаххас андешанд.

Феълан дар муассисаи мазкур бо мақсади табодули таҷрибаи корӣ, баланд бардоштани маҳорати касбӣ, дарёфти омӯзгорони навовару эҷодкор ва расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавон чор иттиҳодияи методӣ ташкил шудааст.

Ҳамчунин маъмурияти мактаб барои сайқал додани савияи донишу маҳорати касбии омӯзгорон семинарҳои дастурдиҳӣ, аз ҷумла «Забони имову ишора», «Тарзи дуруст мондани овоз ва ислоҳи нуқсонҳои нутқӣ» ва «Омӯзиши компютер» ташкил намудааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки қаблан мутахассисони мактаб-интернатҳои махсуси мамлакат, аз ҷумла равоншиносон, дефектологу логопед ва сурдопедагогҳо дар кишварҳои хориҷӣ тайёр карда мешуданд ва имрӯз барои омода намудани чунин ихтисосҳо дар муассисаҳои таълимии кишвар имконият мавҷуд мебошад. Бинобар ин, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилот вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати тарбия ва омода намудани мутахассисони зикршуда тадбирҳои амалӣ андешанд.

Бояд қайд кард, ки соли 2011 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ба тасвиб расидааст, ки тибқи он заминаҳои ҳуқуқии таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд фароҳам оварда шуда, ҷиҳати дар мактабҳои маҳаллӣ ва мактаб-интернатҳо ба таҳсил фаро гирифтани ҳамаи наврасони имконияташон маҳдуд тамоми шароити зарурӣ муҳайё мешавад.

Санади мазкур имконият медиҳад, ки кӯдакони имконияташон маҳдуд, сарфи назар аз шакли бемориву норасоии ҷисмонӣ, якҷо бо кӯдакони солим таҳсил намоянд, то ин ки дар ҷомеа худро ҳамчун узви баробарҳуқуқ эҳсос кунанд.

Ҳоло дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи китобу барномаҳои таълимӣ гурӯҳи корӣ ташкил гардида, кор дар ин самт оғоз шудааст. То имрӯз бештар аз 20 номгуйи китобу барномаҳо таҳия ва барои нашр пешниҳод гардидаанд.

Бо вуҷуди ин, раванди таълиму тарбия дар мактаб-интернатҳои махсус ҳоло талаботи моро қонеъ гардонида наметавонад, зеро барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсил ва таври васеъ ба илмҳои гуногуни замонавӣ фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд мо бояд кори зиёдро ба сомон расонем. Вобаста ба ин, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилотро зарур аст, ки барои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй гардонидани фаъолияти таълимии мактаб - интернатҳои кишвар барои кӯдакони имконияташон маҳдуд аз тамоми захираҳои мавҷудаи омӯзишиву кадрӣ самаранок истифода намоянд.

Илова ба ин, ҳар як фарди ватандӯсти мамлакат бояд фаромӯш насозад, ки яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Тоҷикистон ин ҳифзу дастгирии табақаҳои ниёзманди мамлакат мебошад.

Аз ин рӯ, мо бояд аз тақдиру қисмат ва ҷараёни зиндагии шахсони барҷомонда, маризону бепарасторон ва хусусан фарзандони нуқсонҳои ҷисмонидошта дар канор набошем ва нагузорем, ки онҳо дар ҷомеа худро танҳо эҳсос кунанд, чунки раҳму шафқат, сила кардани сари ятимону ранҷурон, дастгирии барҷомондагон ва нигоҳубини маъюбон хислати азалии мардуми тоҷик маҳсуб ёфта, аз фарҳанги пурғановату эътирофшудаи миллати мо сарчашма мегиранд.

Тӯли чанд соли охир дар баробари ҷудо гардидани маблағҳои буҷетӣ барои интернатҳо тибқи супориши Президенти мамлакат муассисаву корхонаҳо ва тоҷирону соҳибкорони саховатпеша дар арафаи ҷашну идҳо ба мактаб - интернатҳо маводи ғизоӣ, китоб, ашёи хониш ва сару либос кӯмак мерасонанд.

Дар кишвар шумораи маъюбону бепарасторон чандон зиёд нестанд ва бо истифода аз фурсати муносиб аз шахсони саховатпеша, тоҷирону соҳибкорон даъват менамоям, ки хайру саховат ва эҳсонкориву ёрии худро нисбат ба чунин эҳтиёҷмандон на танҳо дар рӯзҳои ҷашну идҳо, балки таври доимӣ расонанд.

Дар хотима ба ҳамаи шумо – омӯзгорону хонандагони азиз ва ҳозирини иззатманд сиҳатии бардавом, рӯзгори хуш ва дар фаъолияти пурмасъули омӯзгориатон барору муваффақият таманно менамоям.

**Ҳамеша хушбахту сарбаланд бошед!**

### Боздид аз Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ

**Субҳи рӯзи 1 ноябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ ташриф овард.**

Дар саҳни ҳавлии Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бо сипосгузорӣ аз ғамхории мудоми падарона ба ятимону бепарасторон ва маъюбону муҳтоҷон самимона истиқбол гирифтанд.

Зимни шиносоӣ бо шароити зист ва таълиму тарбияи мактаббачагони ношунаво, аз ҷумла зикр гардид, ки ин мактаб-интернат дар зарфи нуҳ моҳи охир аз ҷониби роҳбарияти Ширкати хусусии «Ситора трейдинг» мавриди тармиму навсозии куллӣ қарор гирифта, симои нави замонавӣ пайдо кардааст.

Тавре иттилоъ дода шуд, ин муассисаи махсуси таълимӣ 68 сол пеш, ҳанӯз соли 1944 бунёд ёфта, тайи 35 соли охир умуман тармим нагардидааст ва солҳои охир дар ҳолати садамавӣ қарор дошт.

Хушбахтона, дар пайравӣ ба сиёсати хайрхоҳӣ ва раиятпарварии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ин муассисаи махсуси таълимӣ имрӯз ба як маркази замонавии таълиму тарбия ва ҳунаромӯзии ин дӯструякони дорои имконоти маҳдуди ҷисмонӣ табдил ёфтааст.

Дар ин муддат болопӯши биноҳои мактаб-интернат пурра иваз карда шуда, дохилу беруни онҳо мавриди тармиму навсозӣ қарор гирифт. Бо дастгирии ширкати мазкур катҳои хоби кӯдакон пурра иваз карда, ҳамаи 27 синфхона, аз ҷумла ду синфи компютерӣ, устохонаҳои ҳунаромӯзӣ ва толори маҷлисгоҳ бо мизу курсӣ, ҷевонҳо ва бо лавозимоти зарурӣ таъмин карда шуд.

Дар баробари ин, тамоми таҷҳизоти ошхона ва майдону толори варзишӣ ҷавобгӯй ба талаботи муосир ҷиҳозонида шуда, роҳравҳои ҳавлии мактаб мумфарш ва барои истироҳату сайругашти хонандагон мусоид гардонида шуд.

Ҳаммому хонаҳои истироҳатӣ, шабакаи гармидиҳӣ ва дигар утоқҳои ёрирасон низ дар доираи талаботи стандартҳои сохтмонӣ таъмир гардида, бо телевизору дастгоҳҳои наворбардорӣ ва ҷевону роҳаткурсиҳои замонавӣ муҷаҳҳаз карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо маҳсули кори ин соҳибкорони саховатманди ватанӣ аз наздик шинос шуда, таъкид дошт, ки хайру саховат ба шахсони ниёзманд ва муассисаҳое, ки чунин аъзои ҷомеаи моро фаро гирифтаанд, бояд танҳо бо овардани маводи хӯрока маҳдуд нашавад, балки бештар ба беҳсозии шароити зист ва таълиму тарбияи онҳо равона гардад.

Зимни шиносоӣ бо маҳсули ҳунарҳои мактаббачагон иттилоъ дода шуд, ки дар устохонаҳои махсус мактаббачагони ношунаво касбҳои сартарошӣ, пойафзолдӯзӣ, дӯхти либос, гаҷкорӣ, рассомӣ ва ҳайкалтароширо аз худ мекунанд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур дод, ки барои ҳунаромӯзии онҳо шароити аз ин беҳтар муҳайё карда шавад, зеро бо ин кор мактаббачагон метавонанд ба мактаби худ даромад ҳам биёранд.

Ба роҳбарияти ноҳияи Рӯдакӣ дастур дода шуд, ки доир ба кабудизоркунии муҳити мактаб-интернат чораҳои зарурӣ амалӣ намоянд.

Аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як хонандаи ин мактаб, ки 250 нафар буда, 68 нафараш духтарон мебошанд, сару либоси мактабии тобистонаю зимистона ҳадя карда шуд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкороне, ки ин кори хайру савобро анҷом додаанд, арзи сипосу миннатдорӣ карда, дар назди масъулини соҳа доир ба беҳсозии шароит дар тамоми 84 мактаб-интернати кишвар, аз ҷумла 18 интернати мактаббачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ вазифаҳои мушаххас гузошт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзгорону парасторони ин мактаб-интернат барои заҳмати софдилонаашон арзи сипос карда, таъкид дошт, ки онҳо ба ин кӯдакон бояд мисли фарзандони худ муносибат дошта бошанд. Ба роҳбарияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур дода шуд, ки барои зиёд намудани маоши омӯзгорону парасторони мактаб-интернатҳои махсус ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур намояд.

Шодию нишоти мактаббачагон, омӯзгорону парасторони мактаб-интернат ва падару модарони хонандагони ин муассисаи махсуси таълимиро аз навсозӣ шудани ин муассиса, аз ташрифи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва супоришҳое, ки барои беҳсозии минбаъдаи шароит дар он дода шуд, ҳадду канор набуд.

*www.prezident.tj*

# АЗ НОМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОРИ

## СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**оид ба парванда аз рӯйи дархости шаҳрвандон Шарипов А.П. ва Романов С.Т. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 №32 ба моддаҳои 21 ва 92 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

***шаҳри Душанбе, 19 октябри соли 2012***

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда - раиси Суди конститутсионӣ Маҳмудов М.А., муовини раис Назаров М., судя-котиб Каримов К.М., судяҳо: Абдуллоев А.А., Абдуллоев Л.И.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ - Фирдавсова Г.Р.,

**тарафҳо:**

Шарипов А.П., Романов С.Т.- тарафе, ки дар асоси дархости онҳо мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда шудааст;

**Гиёев С.Н.**- намояндаи ваколатдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ; **Шоназаров С.А.**- намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон - намояндагони тарафе, ки конститутсионӣ будани қонуни қабул ва ба имзорасонидаи онҳо мавриди баҳс қарор дода шудааст;

**даъватшудагон:**

**Воҳидов Ҳ.С.-** муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Раҷабов А.-** сардори Раёсати судҳои Дастгоҳи Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Абдулхаков Б.А.-** муовини сардори Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар асоси моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14 ва 37 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мурофиаи ошкорои судӣ парвандаро аз рӯйи дархости шаҳрвандон Шарипов А.П. ва Романов С.Т. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 №32 ба моддаҳои 21 ва 92 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, гузориши судяи Суди конститутсионӣ Абдуллоев Л.И., баёноту хулосаи тарафҳо ва баромади даъватшудагонро шунида, маводи парванда ва дигар ҳуҷҷатҳои воридшударо таҳқиқ намуда,

**муайян кард:**

Шаҳрвандон Шарипов А.П. ва Романов С.Т. бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намуда, дар он нишон додаанд, ки онҳо 2 апрели соли 2012 бо мактуб ба муовини вазир-сардори Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, аз ӯ хоҳиш намудаанд, ки ба онҳо дар хусуси воҳӯрдан бо маҳкумшуда Мастоншоев С.К., ки бо ҳукми Суди ВМКБ аз 18 феврали соли 2011 барои содир намудани як қатор ҷиноятҳои вазнин ба муҳлати 20 сол аз озодӣ маҳрум шуда буд, иҷозат фармояд.

Муовини вазир дар мактуби худ аз 5 апрели соли 2012 таҳти №711 ба онҳо ҷавоб гардонидааст, ки дар асоси талаботи қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокат ё шахсони алоҳида танҳо тибқи аризаи маҳкумшуда сурат мегирад. Аз ин рӯ, иҷрои муроҷиати онҳо ғайриимкон мебошад.

Ҳамчунин дархости онҳо аз 28 марти соли соли 2012 оид ба додани иҷозат барои воҳӯрӣ бо маҳкумшуда Раҷабов О.М., ки соли 2011 бо ҳукми Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе барои содир намудани як қатор ҷиноятҳо ба муҳлати 8 (ҳашт) солу 6 моҳ аз озодӣ маҳрум шуда буд, аз ҷониби муовини вазир бо асоси дар боло зикршуда рад карда шудааст.

Муроҷиаткунандагон қайд менамоянд, ки кафолати ёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар гардида, дар Конститутсия ва қонунгузориҳои миллӣ инъикос ёфта, ба танзим дароварда шудаанд.

Мувофиқи банди 3 Муқаррароти асосӣ оид ба нақши адвокатҳо, ки моҳи августи соли 1990 дар Ню-Йорк аз ҷониби Конгресси 8-уми СММ оид ба пешгирии ҷиноятҳо қабул гардидааст:

«Ҳукуматҳо бояд тартиби самарабахш ва механизми фаъолро барои дастрасии воқеӣ ва баробар ба ҳамаи шахсоне, ки дар қаламрави он ва доираҳои ҳуқуқии ба он тобеъ истиқоматкунанда ба адвокатҳо кафолат диҳад. Ба шахси боздоштшуда, ба ҳабс гирифташуда ё дар ҳабсхона ҷойгир кардашуда бояд шароит, вақт ва воситаҳои зарурӣ барои мулоқот ё алоқа ва машваратҳо бо адвокат бидуни таъхир, монеаҳо ва сензура, бо пурра маҳрамона будани онҳо таъмин карда шаванд».

Муқаррароти санади зикршудаи байналмилалӣ оид ба кафолати ёрии ҳуқуқӣ, бо назардошти қисми сеюми моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, дар моддаи 92 Конститутсия пешбинӣ гардидаанд, ки тибқи он:

«Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.».

Ба андешаи муроҷиаткунандагон, қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки: «Барои гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ, тавассути адвокат ё ашхоси дигар, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳақ доранд, тибқи аризаи маҳкумшудагон мулоқот фароҳам оварда мешавад», имконият намедиҳад, ки адвокатҳо ё ашхоси дигар, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳақ доранд, ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро оид ба кафолати ёрии ҳуқуқӣ амалӣ намоянд.

Аз ин рӯ, онҳо аз Суди конститутсионӣ хоҳиш намудаанд, ки дар асоси дархости онҳо мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда, мутобиқати қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба моддаҳои 21 ва 92 Конститутсия муайян карда шавад.

Суди конститутсионӣ дархости пешниҳодгардидаро дар алоқамандӣ бо талаботи Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷишу таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ буда, онҳо аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд.

Вобаста ба ин, эътироф ва кафолат дода шудани ёрии адвокат аз лаҳзаи дастгир шудан, ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ, инчунин дар вақти адои ҷазои ҷиноятӣ аз ҷумлаи муҳимтарин ҳуқуқу озодии конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта, дар асоси талаботи моддаҳои 19 ва 92 Конститутсия, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва Қонун дар бораи адвокатура ба амал баровардa мешавад.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои зикршуда, шаҳрвандон дар давраҳои зикршуда ҳуқуқ ва имконият доранд, ки бе маҳдудият аз ёрии ҳуқуқии адвокат ё ашхоси дигар, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳақ доранд, истифода намуда, барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ чораҳои дахлдори қонунгузориро пешбинӣ намоянд.

Бо ин назардошт, муқаррароти қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки он мавриди баҳси муроҷиаткунандагон қарор дода шудааст, инкори кафолати ёрии ҳуқуқии пешбининамудаи Конститутсия набуда, ба ҳеҷ ваҷҳ боиси поймол ё маҳдуд намудани ҳуқуқи маҳкумшуда оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ бо роҳи овардани шикоят аз болои ҳукм ва дигар қарорҳои судӣ, пешниҳод намудани дархост оид ба сабук намудани ҷазои ҷиноятӣ, изҳори норозигӣ кардан нисбати амалҳои маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё тағйири низоми татбиқи ҷазо, инчунин дархости гирифтани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокатҳо шуда наметавонад. Он на меъёри манъкунанда, балки тартибе мебошад, ки барои фароҳам овардани шароити муътадили ислоҳи маҳкумшудагон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо, пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав, танзими тартиб ва шартҳои иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин муайян намудани воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон равона гардидааст.

Кафолати таъмини амалишавии ҳуқуқи маҳкумшудагонро қисми 2 моддаи 92 Конститутсия низ пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он: «тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.».

Суди конститутсионӣ инчунин қайд менамояд, ки аз ҷониби маҳкумшудагон амалӣ намудани кафолати ёрии ҳуқуқӣ ва истифода аз ёрии адвокат ба давраи иҷрои ҳукми суд рост меояд, ки он дар муассисаҳои дорои низоми дахлдоре, ки фаъолияти онҳо тартиб ва низоми муайянро оид ба ислоҳи маҳкумшудагон талаб менамояд, мегузарад.

Бинобар ин, фароҳам овардани мулоқот бо адвокат дар асоси аризаи маҳкумшудагон, ки қонунгузории миллӣ муайян кардааст, аз муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бармеоянд.

Чунончӣ, дар қисми 3 моддаи 10 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи фитрӣ аз 16 декабри соли 1966 пешбинӣ шудааст:

«Низоми ислоҳотӣ барои маҳкумшудагон чунин низомеро пешбинӣ мекунад, ки мақсади асосии он ислоҳ ва тарбияи иҷтимоии маҳкумшудагон мебошад».

Талабот ё мазмуни санади зикршуда дар моддаи 3 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тибқи он мақсад ва вазифаҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав, танзими тартиб ва шартҳои иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ, муайян кардани воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҳкумшуда ҳуқуқ дорад, ки дар ҳар вақти зарурӣ ва муносиби пешбининамудаи қонунгузорӣ тавассути аризаи худ адвокатро талаб намуда, аз ёрии ҳуқуқии ӯ бархӯрдор гардад ва муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вазифадор аст, ки барои гирифтани ёрии зарурии ҳуқуқӣ барои маҳкумшуда, ҳатто дар ҳолати танҳоӣ, шароити мусоид фароҳам орад.

Бо ин назардошт, Суди конститутсионӣ баррасии қисми дархости муроҷиаткунандагонро дар хусуси муайян намудани мутобиқати қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба моддаи 21 Конститутсия, бинобар дар моддаи зикршудаи Конститутсия танзим шудани вазъи ҳуқуқии ҷабрдида, қатъ намуда, қисми 5 моддаи 91 Кодекси номбаршударо ба моддаи 92 Конститутсия мутобиқ ҳисоб менамояд.

Ҳамзамон Суди конститутсионӣ диққати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назорати иҷрои муқаррароти қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои маҳкумшудагон оид ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ҷалб менамояд.

Ҳамчунин Суди конститутсионӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар намудани тартиби мавҷудаи аз тарафи маҳкумшудагон истифода бурдани ёрии адвокатҳоро, ки дар қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, мувофиқи мақсад меҳисобад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мувофиқи моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14, 36, 37, 46, 47, 48 ва 50 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди кон- ститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қарор кард:**

1. Қисми 5 моддаи 91 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 №32 ба моддаи 92 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.
2. Қарор қатъӣ буда, аз рӯйи он шикоят овардан мумкин нест ва аз рӯзи қабулаш қувваи қонунӣ пайдо мекунад.
3. Қарори мазкур дар Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета» ва Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

**Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. МАҲМУДОВ**

**Судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **К. КАРИМОВ**

## Хабарҳо аз Бадахшон

### Мизи мудаввар дар мавзӯи муҳим

Дар шаҳри Хоруғ бо ибтикори Агентии «Тоҷикстандарт» дар мавзӯи «Ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагон» мизи мудаввар баргузор гардид.

Дар он сифати маҳсулоти бозор, танзими нархномаи маводи сӯхти нафтӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагон мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар суҳбат Кароматт Саидова - муовини директори Агентии «Тоҷикстандарт», Ҷурахон Раҳимов- сардори Раёсати метеорологии Агентии «Тоҷикстандарт», Галина Давлатмамадова - мудири бахши ташхиси Агентӣ, Қубодов Бахтибек -менеҷери Департаменти савдо ва маркетинги Ширкати «Помир Энерҷӣ» ва кормандони Ассотсиатсияи соҳибкорони вилоят, хоҷагии манзилию коммуналӣ иштирок ва оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагон ва назорати сифати молу маҳсулот дар вилоят андешаҳо баён намуданд.

Муовини директори Агентии «Тоҷикстандарт» Каромат Саидова зикр кард, ки сифати маҳсулот дар бозорҳои шаҳри Хоруғ беҳбудиро тақозо мекунад, агарчи он нисбати солҳои пеш хубтар аст.

- Дар солҳои Истиқлолият,- мегӯяд Ҷӯрахон Раҳимов, - ба шуъбаи дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонбудаи Агентӣ ба маблағи беш аз 80 ҳазор сомонӣ 50 намуди таҷҳизоти нави замонавӣ ворид карда шуд.

Роҳбари Ассотсиатсияи соҳибкорони вилоят Боймамад Алибахшов оид ба паст будани сифати маҳсулоти хӯрока, хусусан машруботи спиртӣ, ба фурӯш гузоштани маҳсулоти муҳлати истифодааш гузашта назари хешро иброз дошт.

Аз ҷониби менеҷери Департаменти савдо ва маркетинги Ширкати «Помир Энерҷӣ» Бахтибек Қубодов пешниҳод шуд, ки қувваи барқ низ дар қатори дигар маҳсулоти савдо мол ҳисоб гардида, ҳангоми ғайриқонунӣ истифода бурдани он бояд истифодабарандагон ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шаванд.

### Воҳӯрии адибон

Ба қарибӣ адибон Латофат Кенҷаева, Султони Ҳамад, Ато Мирхоҷа ва корманди маҷаллаи «Истиқбол» Мавҷуда Соҳибназарова ба муносибати 60 - солагии маҷалла ба ноҳияи Дарвоз ташриф оварданд.

Суҳбати аввалини онҳо дар маркази ноҳия -шаҳраки Қалъаихум гузаронида шуд. Баъдан адибон ба деҳаи Ёгеди деҳоти «Нулванд» омада, дар мактаби рақами 6 –и ба номи Сарвар Амирҷонов бо омӯзгорон ва хонандагон воҳӯрӣ гузаронида, шеърҳо қироат карданд. Онҳо ҳамчунин аз китобхонаи оммавии Амирҷоновҳо дидан намуда, ба он 123 адад китобу маҷалла туҳфа карданд.

### Сохтмони хобгоҳи дуюми донишҷӯён оғоз гардид

Тобистони соли ҷорӣ, ҳангоми сафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нахустхишти бинои хобгоҳи дуюм барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоевро гузошта буд. Аз он рӯз муддати хеле кӯтоҳ гузашта бошад ҳам, дар шаҳри Хоруғ бунёди бинои дуюми хобгоҳи донишҷӯён оғоз гардид. Ба гуфти сармуҳандиси сохтмон Садриддин Мудинов, хобгоҳ барои 240 нафар бунёд мегардад. Ҳоло зербинои он гузошта шудааст. Хобгоҳи аввал дар арафаи ҷашни 13-умин солгарди Ваҳдати миллӣ бо маблағи 8 миллион сомонӣ мавриди истифода қарор гирифта буд, ки дар он асосан донишҷӯёни оилаҳои камбизоат аз навоҳии Мурғоб, Ванҷу Дарвоз ва водии Вахони ноҳияи Ишкошим ҷой дода шуданд. Дар маҷмӯъ, дар ин ҷо панҷ бинои хобгоҳ барои беш аз 1000 нафар донишҷӯй бунёд мегардад.

### Маҳфили ёдбуди Мавҷигул

Дар толори барҳаво ва навсохти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон бо иштироки олимону адибон, намояндагони аҳли зиёи ноҳия ва хешу пайвандони шоираи зиндаёд Мавҷигул Зардодхонова маҳфили адабӣ баргузор гардид.

Барандаи маҳфил, мудири бахши бадахшонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Лаълҷубаи Мирзоҳасан аз зиндагиномаи Мавҷигул сухан гуфт ва зикр кард, ки Мавҷигул умри кӯтоҳе дид, аммо дар фосилаи он кори зиёдеро дар пешаи шоирӣ анҷом дод. Шеъри Мавҷигул тараннумгари зиндагии мардуми диёраш буд. Ҳамдарсону ҳамкорони марҳум- Сабоҳату Париноз, адибон Алидоди Чароғабдол ва Ҷонибеки Қозибек, устодону пайвандон аз шеъри Мавҷигул, аз корҳои неки анҷомдода, орзуҳои тамому нотамоми ӯ сухан гуфтанду хотираҳои ширини худро аз кору пайкори ӯ ёдовар шуданд. Маҳфил бо ибтикори шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон рӯйи кор омад ва пайвандони Мавҷигул миннатдории самимии худро нисбати ин иқдоми некашон баён намуданд.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

## Ситод масъалаи омодагӣ ба зимистонро баррасӣ намуд

Дар бинои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ ситоди навбатии сайёри вилоятии вилояти Суғд оид ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ноҳия барои фаъолияти мунтазам ва самаранок дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 доир шуд. Ситоди вилоятӣ таҳти раёсати муовини раиси вилояти Суғд М.Қаюмов ва раиси ноҳияи Ғончӣ З.Исмоилов ҷараён гирифта, дар он аъзои ситод, масъулони ташкилоту идораҳои вилоятӣ ҳозир буданд.

Дар ибтидо З.Исмоилов дар бораи омодагии хоҷагии халқи ноҳия, соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 гузориш дод. Баъдан, ҳисоботи мудири шуъбаи маорифи ноҳия М.Комилов, менеҷери кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ Г.Баротова, менеҷери хадамоти госпиталӣ Н.Маҳмадалиев, раиси Ҷамъияти матлуботи ноҳия Ҳ.Қӯлдошев, сардори Муассисаи давлатии назорати роҳҳои автомобилгард Н.Маъмуров, сардори бахши ҶСК «Телеком» У.Норкулов ва дигарон шунида шуд.

Ҷамъомадро муовини раиси вилояти Суғд М.Қаюмов ҷамъбаст карда, аз натиҷаҳои омодагӣ ба зимистон қаноатмандии хешро изҳор дошт.

***Н. ҲУСЕЙН, «Садои мардум»***

## Асоси комёбиҳо - роҳбарии оқилона ва муносибати дӯстона

Тавре маълум аст, дар даврони истиқлолият корҳои сохтмонӣ, бунёди хонаҳои истиқоматӣ, чӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ ва чӣ дар шаҳру ноҳияҳо, вусъат ёфта, ҷамъияту ташкилотҳои нави сохтмонӣ арзи вуҷуд карданд. Ин аз як ҷиҳат ба пешрафти ободониву созандагӣ мусоидат карда бошад, аз ҷониби дигар боиси ҷалби ҳар чӣ бештари ҳамватанон ба кори доимӣ гардид. Инро дар мисоли Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Дилшод-Н» баръало мушоҳида кардан мумкин аст. ҶДММ «Дилшод-Н» дар шаҳри Душанбе 1 июли соли 1999 таъсис ёфт ва рӯзҳои аввали таъсисёбиаш ҳамагӣ шаш нафар корманд дошт. Ҳоло он беш аз 100 нафарро бо кори доимӣ таъмин кардааст ва ба онҳо музди хуб медиҳад. Коллективи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Дилшод-Н» ба корҳои ниҳоят муҳими сохтмонӣ машғул мебошад. Вақте ин мавод омода мешуд, коллективи ҶДММ «Дилшод-Н» корро дар иншооти бинои 16-ошёна, воқеъ дар кӯчаи ба номи Пушкини шаҳри Душанбе, анҷом дод. Ҳаҷми кори дар ин иншоот баҷоовардаро сардори шуъбаи истеҳсолии корхона Абдуҷаббор Каримов чунин шарҳ дод:



-Асоси бино ва ояндаи он таҳкурсӣ аст. Дар пойдевори ин бино, ки аз 16 ошёна иборат мешавад, мо 94 мехсутунҳои зеризаминӣ гузоштем. Ҳар кадом ин мехсутунҳо 15-16 метр дарозӣ дошта, ба замини сахт рафта мерасад ва бадоштии биноро маҳз ҳамин сутунҳо таъмин мекунад. Барои бунёди чунин пойдевор 1,5 ҳазор кубометр бетон сарф шуд. Майдони умумии сохтмон 1 ҳазору 100 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Бинои истиқоматии мазкур дорои таваққуфгоҳи зеризаминӣ ва маркази савдою хизмати маишӣ низ мешавад. Айни ҳол коргарони ҶДММ «Дилшод-Н» кори таҳкурсигузориро дар бинои дигари 16-ошёна, воқеъ дар кӯчаи Бохтар 46, оғоз кардаанд.

Дар давоми фаъолияти хеш ҶДММ «Дилшод-Н» дар бунёди Қасри миллат, терминали нави фурудгоҳ, «Vefa-centr», меҳмонхонаи «Ҳаят», Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва даҳҳо иншооти дигар саҳми арзанда ҳамроҳ намуд.

Сарварии ҶДММ «Дилшод-Н» -ро Нарзулло Зокиров ба уҳда дорад. Вай хатмкардаи факултети сохтмонӣ ва граждании Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ) мебошад. Солҳои 1976-1979 ба ҳайси усто -прораби СУ-7 Комбинати хонасозии Душанбе, солҳои 1980-2003 прораб, сардори Раёсати «Спесфундаментстрой» кор кардааст. Аз соли 2004 инҷониб директори генералии ҶДММ «Дилшод-Н» мебошад.

-Коллективи мо дар ободонии кишвари азизамон саҳми арзанда мегузорад. Давоми мавҷудияти худ кормандонамон дар қариб 70 иншооти гуногун кору фаъолияти пурсамар анҷом доданд. Маблағи азхудкардаи мо дар ибтидо агар 50 ҳазор сомониро ташкил медод, имрӯз ба 4 миллион сомонӣ расидааст, - мегӯяд директори генералии ҶДММ «Дилшод-Н» Н. Зокиров. Мавсуф дар ҳоле, ки худ мутахассис ва роҳбари ботаҷриба аст, номи устодони хеш Ҳакимҷон Юсупов, Наим Ҳаитбоевич Ҳаитбоевро бо эҳтиром ба забон меорад. Дар навбати худ шогирдону ҳамкасбони эшон Султонбек Одилов, Назармаҳмад Давлатов , Азимҷон Ҷунайдов, Фатҳулло Нуров, Абдуҷаббор Каримов ва даҳҳо нафари дигар аз он ифтихор мекунанд, ки Н.Зокиров устод, роҳбар ва ҳамкори онҳост. Барои пешрафти корҳо роҳбарияти корхона кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад Дар ин робита таъмини корхона бо техникаю таҷҳизоти наву зарурӣ яке аз вазифаҳои муҳим ҳисобида мешавад. Ин аст, ки тайи солҳои 2007-2012 се адад экскаватор, ду адад булдозер, ду адад кранҳои борбардор, панҷ адад наклиёти боркаш ва ду мошини махсуси бетонкашӣ харидорӣ шуд. Сол то сол ҳаҷми корҳои сохтмонӣ зиёд мешавад. Роҳбарияти корхона дар ҳаққи коргарон ғамхории зиёд зоҳир мекунад. Коргарон бо сару либоси корӣ, лавозимоти бехатарии меҳнат ва хӯроки гарм таъминанд. Онҳое, ки фаъолияти намунавӣ доранд, поквиҷдонона ба кор муносибат менамоянд, супоришҳоро сари вақт ва босифат иҷро мекунанд, ҳамаҷониба ҳавасманд гардонида мешаванд. Ба коргароне, ки дар корхона 25 сол кор кардаанд, мукофот ва пардохти пули якваҷтаина, ба андозаи маоши моҳона, пардохт мешавад. Ҳар сол коргарони беҳтарин бо роҳхатҳои сайёҳӣ ба беруни кишвар фиристонида мешаванд. Соли ҷорӣ бо ташаббуси сарвари корхона Ҳоҷӣ Нарзулло Зокиров коргарони зиёде ба истироҳатгоҳҳои Хоҷа Обигарм, Зумрад ва Шоҳамбарӣ барои истироҳат ва барқарор кардани саломатӣ фиристода шуданд. Фарзандони коргарон низ аз мадди назар дур намондаанд. Аз ҷумла 12 нафар фарзандони коргарони корхона дар истироҳатгоҳҳои Қаротоғ ва Чайка таътили тобистонаи худро гузарониданд. Роҳбарияти корхона дар ҳаққи ҷавонон ғамхории хоса зоҳир мекунад. Ҷавонони лаёқатманд аз ҳисоби воситаҳои корхона ба донишкадаҳо барои таҳсил фиристода мешаванд. Давоми панҷ соли охир корхона симои худро дигар кард. Дар ин давра сеххои арматурсозӣ, таъмири техника ва истеҳсоли маҳсулоти оҳану бетонӣ сохта шуд. Инчунин кори зиёди сабзу хуррам ва кабудизоркунӣ анҷом дода шуд. Дар дохил ва атрофи корхона дарахтони зиёди сояафкану меваҳиҳанда шинонида шуд, ки корхонаро зеб додаанд. Дарахтони зиёде ҳосил ба бор оварда, аз меваҳои он коргарони корхона истифода мебаранд. Дар натиҷаи чунин ғамхориҳо, ташкили хуби кор ва роҳбарии оқилона миёни коллективу роҳбарияти ҶДММ «Дилшод-Н» муносибати хубу ҳамдигарфаҳмӣ ба роҳ монда шудааст, ки пешрафти корро таъмин менамояд.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Мубориза бо коррупсия бояд вусъат дода шавад

Бисту чоруми октябри соли ҷорӣ дар ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот баргузор гардид.

Сарнозири Раёсати пешгирии коррупсияи Агентии мазкур, лейтенанти калони адлия Шодком Турсунов зимни суханрониаш ибroz дошт, ки имрӯз коррупсия ба хатари умумиҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Ӯ оид ба мафҳуми коррупсия, сабаб ва ҳолатҳои пайдоиш ва инкишофи он маълумот дода, ибroz дошт, ки дар сурати пешгирӣ накардани ҳолатҳои коррупсионӣ ҷомеа ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегардад.

Сарнозири Раёсати пешгирии ҳолатҳои коррупсионии Агентии мазкур Алишер Носиров вобаста ба чорабиниҳои гузаронидашуда бобати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ибрози ақида намуда, таъкид кард, ки ҳар як корманд дар ҷойи кор вазифадор аст бо дасту дили пок меҳнат намояд. Мавсуф оид ба ҳолатҳои мавҷудаи коррупсионӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ маълумот дода, аз ҳозирин хоҳиш намуд, ки дар муносибат ва муошират бо мусофирон, хусусан бо меҳмонони ба Тоҷикистон меомада боэҳтиром бошанд. Ӯ зикр намуд, ки дар фаъолияти кормандони фурудгоҳи Душанбе, ки дарвозаи кишвар дониста мешавад, дар маҷмӯъ беҳбудӣ дида мешавад, аммо боз ҳам хубтар кор кардан лозим аст. Дар сурати ошкор шудани ҳолатҳои коррупсионӣ бояд касе бетараф набошад ва дар решакан намудани ин падидаи номатлуб саҳм гузорад.

Сипас, миёни кормандони фурудгоҳ ва намояндагони Агентии номбурда саволу ҷавоб баргузор шуд. Аз рафти мубоҳиса маълум буд, ки ҳозирин омодаанд барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои коррупсионӣ талош намоянд. Дар рафти суҳбат таъкид гардид, ки то имрӯз ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» дар феҳристи пок қарор дорад ва аз ҷониби Агентӣ дар фурудгоҳи Душанбе ягон ҳодисаи характери коррупсионидошта ба қайд гирифта нашудааст.

Муовини директори генералии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» Азиз Иброҳимов воҳӯриро ҷамъбаст намуда, ибroz дошт, ки кормандони фурудгоҳ дар оянда низ барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба мусофирон тамоми чораҳоро меандешанд.

***М. ШОДИЕВ,***
***корманди маркази матбуоти***
***ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»***

## ВОСИТАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ МУҲОҶИРОН ЗИЁД МЕШАВАД

Чанде қабл дар шаҳри Душанбе конференсияи минтақавии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия баргузор гардид. Ин чорабинӣ «Омили самарабахши ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ: нақши омбудсменҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия» унвон шуда, дар доираи Барномаи минтақавӣ оид ба муҳоҷират дар Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия, ки аз ҷониби СММ- Занон, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Бонки ҷаҳонӣ амалӣ мегардад, доир шуд.

Дар кори конференсия ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен) дар Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия, намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, ғайридавлатӣ, ки ба фаъолияти муҳоҷирати меҳнатӣ сарукор доранд, иштирок намуданд. Тавре Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода ибroz дошт, мақсади ин ҳамоиш густариш додани ҳамкориҳои ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақа ва Федератсияи Россия дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Доир ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон, аҳли оилаи онҳо табодули афкор, таклифу пешниҳодҳо сурат гирифт, зеро мушкилот дар ин бахш зиёд мебошад. Шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии Федератсияи Россия ва Қазоқистонро аҳолии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ташкил медиҳанд. Мушкилоти онҳо, пеш аз ҳама дар надоштани таҷрибаи касбӣ, дараҷаи пасти маълумот, надонистани забон зоҳир меёбад. Ин ва дигар камбудиҳо боиси поймол гаштани ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мегардад.

Дар ҳалли ин мушкилот ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон метавонанд ҳамкории судбахш дошта бошанд. Дар ин бахш миёни Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамтоёнаш дар чандин минтақаи Федератсияи Россия созишномаҳо имзо шудаанд. Ин ҳамкориҳо дар амал натиҷаи мусбӣ медиҳад ва ҳимояи ҳуқуқу манфиати муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар назорат мешаванд.

Дар анҷоми конференсия изҳороти муштараки ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия қабул гардид.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Мулоқоти муфид бо сарбозон

Бо ташаббуси комиссариатҳои ҳарбии вилояти Суғд ва ноҳияи Шаҳристон бо сарварии ҷонишини комиссари ҳарбии вилоят Ш.Азизов гурӯҳи волидайни сарбозоне, ки имрӯзҳо дар қисмати ҷанубии кишвар хизмати ватанро ба ҷо меоранд, бо мақсади аёдати аскарбачагон ба қисмҳои ҳарбии онҳо сафар анҷом доданд. Ин гурӯҳ дар қисмҳои низомии воқеъ дар шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, ноҳияҳои Данғара, Восеъ, Шаҳритус, Рӯдакӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бо аскарбачаҳо мулоқотҳо гузаронида, бо шароити хизмату зисти онҳо шинос шуданд. Дар анҷоми сафар дар Вазорати мудофиаи кишвар мулоқоти гурӯҳ бо генерал-майор Саидамир Розиқов, ки самти мазкурро сарварӣ мекунад, доир шуд.

***Ҳ.НАЗРУЛЛО, «Садои мардум***

## ДАЪВАТНОМА БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияи муштараки озмуни хариди **Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд мақоми Ваколатдор суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 25, телефон: **221-36-33**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти тендерии Вазорати адлия (ташкилоти Харидор, суроға) шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро барои ширкат дар озмуни кушода бо иштироки номаҳдуд барои иҷрои зерини кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамояд:

### Даъватномаи №3 аз 2 ноябри соли 2012

### Манбаи маблағгузорӣ: Буҷети давлатӣ

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Маблағи харид (бо сомонӣ) | Сана ва вақти кушодашавии лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хариди матои хокистарранг барои либоси расмии кормандони мақомоти адлия | метр | 43300 | 22 ноябри соли 2012 |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда ба суроғаи дар боло зикршуда, то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод менамоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳоди довталабон аз ҷониби комиссияи муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешавад.

# ОЗМУН

**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли 5 (панҷ) мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ (вакансия) аз рӯйи вазифаҳои:**

-сармутахассиси раёсати санъат, маълумоташ олии соҳаи санъат, маош мувофиқи ҷадвали корбаст (1 нафар);

-мутахассиси раёсати санъат, маълумоташ олии соҳаи санъат, маош мувофиқи ҷадвали корбаст (1 нафар);

-мутахассиси раёсати табъу нашр ва матбуот, маълумоташ олии гуманитарӣ, маош мувофиқи ҷадвали корбаст (1 нафар);

-мутахассиси раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ- фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, маълумоташ олӣ, соҳаи фарҳангшиносӣ, маош мувофиқи ҷадвали корбаст (1 нафар);

-мутахассиси шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ, маълумоташ олии омӯзгорӣ, мусиқӣ, маош мувофиқи ҷадвали корбаст (1 нафар)

## ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

***Донистани забонҳои тоҷикӣ, русӣ, хориҷӣ, компютер ва таҷрибаи кофии корӣ аз рӯйи ихтисос, собиқаи хизмати давлатӣ заруранд.***

**Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда:**

-ариза ба номи роҳбари мақоми давлатӣ;
-варақа (анкета)-и баҳисобгирии кадрҳо;
-тарҷумаи ҳол;
-нусхаи шиноснома;
-билети ҳарбӣ;
- 2 (ду) дона расми 4х6;
-ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот (диплом);
-ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ);
-маълумотнома дар бораи саломатӣ (шакли №086/У);
-маълумот дар бораи доғи судӣ доштан ё надоштан;
-шаҳодатномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
-шаҳодатномаи рақами инфиродии суғурташаванда (СИН).

Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун: **734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 34, телефон: 223-19-71, 221-04-23.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**26 ноябри соли 2012 музоядаи №26-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

| т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Таваққуфгоҳи автомашинаҳои ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом | 100 000 |
| 2 | Бино ва иншооти хоҷагии ёрирасони ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом | 150 000 |
| 3 | Бино ва иншооти ҳаммоми ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом | 50 000 |
| 4 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 40 000 |
| 5 | Бинои собиқ маҷмааи ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 60 000 |
| 6 | Бинои клуби ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 60 000 |
| 7 | Бинои нонпазхонаи ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 10 000 |
| 8 | Бинои чойхонаи ҶСК «Фабрикаи бофандагии Исфара» | шаҳри Исфара | 40 000 |
| 9 | Гармхонаи ҶСК «Зарбдор» | ноҳияи Мастчоҳ | 40 000 |
| 10 | Бинои собиқ профилакторияи табобатии ҶСК «Комбинати консервабарории Хуҷанд» | ноҳияи Ғончӣ | 50 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**26 ноября 2012 года проводит аукцион №26 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Автостоянка ОАО «Бодом» | город Канибадам | 100 000 |
| 2 | Здание и сооружение подсобного хозяйства ОАО «Бодом» | город Канибадам | 150 000 |
| 3 | Здание и сооружение бани ОАО «Бодом» | город Канибадам | 50 000 |
| 4 | Здание бани ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 40 000 |
| 5 | Бывшее здание ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 60 000 |
| 6 | Здание клуба ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 60 000 |
| 7 | Здание лепешечной ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 10 000 |
| 8 | Здание чайханы ОАО «Фабрикаи бофандагии Исфара» | город Исфара | 40 000 |
| 9 | Теплица ОАО «Зарбдор» | Матчинский район | 40 000 |
| 10 | Бывшее здание лечебной профилактории ОАО «Комбинати консервабарории Хуҷанд» | Ганчинский район | 50 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3067/1-1445 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 52 | 12.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3068/1-1446 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентар | номгуй | 23 | 12.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3069/1-1447 | Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ба номи М.Атоев | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 15 | 12.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3070/1-1448 | Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 6 | 12.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3071/1-1449 | Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 5 | 12.11.2012 соати $11^{00}$ |
| 3072/1-1450 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Ҷаҳоннамо» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 34400 | 12.11.2012 соати $11^{30}$ |
| 3081/1-1451 | Гурӯҳи тадбиқи лоиҳаҳои иншооти гидроэнергетикӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ Автомобили HUNDAY (джип) | номгуй адад | 14 2 | 12.11.2012 соати $14^{00}$ |
| 3073/2-849 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгуй | 21 | 12.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3074/2-850 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгуй | 15 | 12.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3075/2-851 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 6 | 12.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3076/2-852 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 46 | 23.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3077/2-853 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 9 | 12.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3078/2-854 | Беморхонаи клиникии сироятии кӯдаконаи ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 23 | 12.11.2012 соати $11^{00}$ |
| 3079/2-855 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 4 | 12.11.2012 соати $11^{30}$ |
| 3080/3-721 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3082/3-722 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони дидбонгоҳи сарҳадӣ дар ноҳияи Ашт | тибқи санади нуқсонӣ | | 7.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 2814/1-1290 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пажӯҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии САНИИОСП» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизоти лабораторӣ | номгуй | 33 | 12.11.2012 соати $14^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррааргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**22 ноябри соли 2012 музоядаи №10-ро оид ба фурӯши амволи ҳабсгардида, ки аз тарафи Суди иқтисодии вилояти Суғд ҳабс гардидааст, баргузор менамояд**

| № т/р | Номгуйи иншоот | Соли барориш | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои сехи кислород бо чоҳаш | 1978 | Корхонаи воҳиди давлатии «Суғдобсохтмон», ш.Қайроққум, кӯчаи Ҷамолӣ 8 «а» | 28092 |
| 2 | Бинои маъмурӣ | 1978 | Корхонаи воҳиди давлатии «Суғдобсохтмон», ш.Қайроққум, кӯчаи Ҷамолӣ 8 «а» | 12450 |
| 3 | Анбор | 1978 | Корхонаи воҳиди давлатии «Суғдобсохтмон», ш.Қайроққум, кӯчаи Ҷамолӣ 8 «а» | 19950 |
| 4 | Бинои таҷҳизоти кислородбарорӣ | 1978 | Корхонаи воҳиди давлатии «Суғдобсохтмон», ш.Қайроққум, кӯчаи Ҷамолӣ 8 «а» | 23773 |
| 5 | Таҷҳизоти кислородбарории СК-12 | 1953 | Корхонаи воҳиди давлатии «Суғдобсохтмон», ш.Қайроққум, кӯчаи Ҷамолӣ 8 «а» | 2052 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**22 ноября 2012 года проводит аукцион №10 по продаже имуществ, арестованных Согдийским экономическим судом**

| № п/н | Наименование объекта | Год выпуска | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Здание кислородного цеха со скважиной | 1978 | ГУП «Суғдобсохтмон», город Кайрокум, ул. Джамоли 8 «а» | 28092 |
| 2 | Административное здание | 1978 | ГУП «Суғдобсохтмон», город Кайрокум, ул. Джамоли 8 «а» | 12450 |
| 3 | Склад | 1978 | ГУП «Суғдобсохтмон», город Кайрокум, ул. Джамоли 8 «а» | 19950 |
| 4 | Здание по производству оборудования кислорода | 1978 | ГУП «Суғдобсохтмон», город Кайрокум, ул. Джамоли 8 «а» | 23773 |
| 5 | Оборудование по выпуску кислорода СК-12 | 1953 | ГУП «Суғдобсохтмон», город Кайрокум, ул. Джамоли 8 «а» | 2052 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87,** на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

***

## ТАСҲЕҲ

Дар эълони КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – музоядаи №10 оид ба фурӯши амволи ҳабсгардида, ки аз тарафи Суди иқтисодии вилояти Суғд ҳабс гардида, баргузориаш ба санаи 22 ноябри соли 2012 таъин шудааст («Садои мардум» №131 (2958) аз 22 октябри соли 2012), дар ҳамаи панҷ сарбанд - суроғаи ҷойгиршавии иншоотҳо Корхонаи воҳиди давлатии «Суғдобсохтмон», шаҳри Қайроққум, кӯчаи Ҷамолӣ 8«а» хонда шавад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоҳидов Низомиддин Шамсидинович нисбати вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардии амиқ намуда, ба аҳли хонавода ва хешовандон сабри ҷамил хоҳон аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шиноснома А №5318909-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Тавилдара 12 майи соли 2009 ба Маҳмадов Ибодулло Назриевич додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли силсилаи БП №343605-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 18 (ҳоло №11)-и ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1974 ба Бобоназарова Зинфира Қурбоновна додааст, эътибор надорад.

➢Шиноснома А № 4836911-и гумшуда, ки онро ШКД ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 30 апрели соли 2008 ба Одинаев Зоҳир Раҳмонович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи ронандагии силсилаи АД №0254787 ва талони қайди қоидавайронкунии силсилаи АР №0124787-и гумшуда, ки онҳоро РБДА ВКД ҶТ 4 майи соли 2011 ба Одинаев Зоҳир Раҳмонович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи ронандагии силсилаи АБА №916423 ва талони қайди огоҳикунии силсилаи АБР №274423-и гумшуда, ки онҳоро БДА РКД-и шаҳри Душанбе 6 ноябри соли 1986 ба Файзмамадов Атомамад додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи Э №979134-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи махсуси ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 августи соли 1977 ба Файзмамадов Атомамад додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №04037-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон (ҳоло ба номи Ш.Шоҳтемур) соли 2004 ба Маллаев Убайдулло Изатуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №4974-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мушфиқӣ, бинои 61, ҳуҷраи 4 ба Муъминова Гулсура Қурбоналиевна додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хизматии №35-и гумшуда, ки онро Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмааи давлатии «Қасри миллат» соли 2010 ба Каримова Рухшона Рустамовна додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №0368-и гумшуда, ки онро Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон) соли 2003 ба Қодиров Наврӯз Эмомалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ЖТ-1 №074626 таҳти қайди 3779 -и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии (ҳоло Коллеҷи тиббӣ) шаҳри Душанбе соли 1987 ба Ашурова Ситора Сӯҳробовна додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯии №614/10-и гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода соли 2010 ба Арабов Наҷибулло Ҷумаевич додааст, эътибор надорад.

➢Нусхаи дуюм (дубликат)-и Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе 13 декабри соли 2002 таҳти феҳристи №1п-1399 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гризодубова, ҳавлии 5 ба Дустов Қурбоналӣ додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0001385, гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупорандаи №02/002980 бо РМА 020029803 ва иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ бо РЯМ 0210000634-и гумшуда, ки онҳоро Раёсати ташкили бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии шаҳри Душанбе 10 августи соли 2009 ба ҶДММ «Нақо» додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи №012303-и гумшуда, дар бораи хатми мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 35 шаҳри Турсунзода соли 1991 ба Мардиева Муҳайё Тилавовна додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ЭВ №827948 таҳти қайди №93 -и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 16 июни соли 1994 ба Саидов Солибой Ортуқович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли №298708-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ба номи Ш. Шоҳини шаҳри Кӯлоб ба Насриддинова Гулсунбӣ Зайниддиновна додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми №Т-ШТА 0033351-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №57-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2005 ба Султонов Абдулломаъруф додааст, эътибор надорад.

## Барҳам меҳӯрад

➢Шаҳрванд Азимов Нарзулло Мирович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0000584 бо РЯМ 0930000317 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 21 июли соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Каримова Зинатой Бачабековна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0162495 бо РЯМ 1230058610 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 10 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Малик-ЛТД», бо РМА 040019101, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Шерализода, бинои 11, ҳуҷраи 40, барҳам меҳӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ҶДММ «Кристал Душанбе» бо РЯМ 0110011440, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Томин, ҳавлии 17 барҳам меҳӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ҶДММ «Шукронаи Насиба», бо РМА 120028899 воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сомонӣ, ҳавлии 54 барҳам меҳӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Наҷмиддинов Абдусаттор Салоҳиддинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0015904 бо РЯМ 1530002375 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 23 декабри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Мерзоев Асатулло Ҳабибуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0020162 бо РЯМ 0930006312 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 11 июли соли 2008 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волонияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 2 ноябри соли 2012, соати 16.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23652 нусха

Навбатдори шумора Нуралиев М.

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова